## ТАҚРИЗ

**ба автореферати Жумакулов Жамшид Панжиевич дар мавзуи “Мунҷики Тирмизӣ ва муҳити адабии Чағониён дар асри X ва ибтидои асри XI” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01. 01. – Адабиёти тоҷик пешниҳод гардидааст.**

Рушди илми адабиётшиносии тоҷик, чи дар соҳаи адабиёти гузашта ва чи адабиёти муосир дар замони Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон назаррас буда, дар он дастовардҳои тоза хеле зиёд ба мушоҳида мерасанд. Аз ҷумла, рисолаи Жумакулов Жамшид Панжиевичро дар мавзуи “Мунҷики Тирмизӣ ва муҳити адабии Чағониён дар асри X ва ибтидои асри XI” метавон дар ҳамин саф ҷой дод.

Муҳимтарин нукта ин аст, ки муаллиф тавонистааст, ки дар доираи 436 байти боқимондаи осори Мунҷики Тирмизӣ як рисолаи бисёр ҷиддӣ ва илмӣ таълиф намояд. Ин натиҷаҳо аз мундариҷаи автореферати рисола ошкор аст ва гувоҳи он аст, ки диссертант мавзуи интихобкардаро хуб пешниҳод кардааст.

Тавре аз муҳтавои авторерферати Жумакулов Жамшид Панжиевич маълум мегардад, таҳқиқоти мавриди гуфтугӯ кори анҷомёфтаи илмӣ буда, дорои як идда навовариҳои илмӣ мебошад. Сохтор ва муҳтавои фишурда ба муқаррароти таълифи авторерферати диссертатсияҳои номзадӣ ҷавобгӯ буда, он комилан мундариҷаи таҳқиқоти илмиро дар бар гирифтааст. Хулоса ва натиҷаҳои пажӯҳиш ба ҳам иртибот дошта, бозгӯи муҳтавои он мебошанд.

Дар автореферат ба таври мухтасар дар хусуси сохтори рисола, ки аз се боб, 7 зерфасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия иборат буда, ҳаҷман 176 саҳифаро ташкил медиҳад, маълумот дода шудааст.

Муаллиф дар муқаддима доири мубрамӣ, дараҷаи омӯзиш, навоварӣ ва равишҳои таҳқикро асоснок баён карда, мақсаду вазифаҳои пажӯҳиш, аҳаммияти назарию амалии кор ва нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшавандаро ошкор сохтааст.

Боби якуми рисола **“Муҳити адабии Чағониён дар асри X ва ибтидои асри XI”** унвон дошта, аз ду фасл иборат аст. Диссертант дар ин боб бо такя ба сарчашмаҳои қадиму муосири муътабари таърихӣ ва осори илмӣ-таҳқиқотии муҳаққиқони хориҷиву ватанӣ вазъи ҷуғрофиёӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Чағониён мавриди баррасӣ қарор дода, тавонистааст муҳимтарин тамоилҳои раванди рушди адабиёти тоҷикро

дар заминаи ҳаёти адабии ҳавзаи Чағониён, ки дар таркиби давлати Сомониён қарор дошт, муайяну муқаррар намояд.

Хонаводаи Оли Муҳтоҷ мавқеи бузурги худро ҳамчун ҳокимони фарҳехтаи посдори илму адаби диёри Чағониён то охир ҳифз карда, ҳатто баъди шикасти давлати Сомониён маҳалли паноҳгоҳи адибони қаламрави Сомонӣ ва Саффорӣ буда, аҳли адаби форсу тоҷикро паноҳ медоданд ва дастгирӣ мекарданд.

Маҳз дастгирии хонадони Оли Мухтоҷ боис гардид, ки шоирони машҳуре чун Дақиқиву Мунҷик, Бадеъии Балхиву Лабибӣ ва Фаррухӣ рӯ ба ин даргоҳ оваранд ва мавриди таваҷҷуҳи подшоҳи вақт қарор бигиранд. Ин бузургтарин хидмати ҳунардӯстона ва инсонпарваронаи амирони Чағонист, ки на танҳо дар муҳити адабпарвари худ ҳунари шоирони маъруфи аҳдро сайқал додаанд, балки дар ташаккулу таҳаввули адабиёти форсии тоҷикӣ ҳиссаи арзанда гузоштаанд.

Боби дуюми диссертатсия **“Мунҷики Тирмизӣ ва осори адабии ӯ”** ном дошта, ду фаслро дар бар мегирад. Бояд гуфт, ки бо вуҷуди таҳқиқоти зиёд дар заминаи адабиёти асри Сомониён ба таври ҷудогона ва мустақил то кунун аҳволу осори Мунҷики Тирмизӣ ба таври илмӣ таҳқиқ нашуда буд. Бар ин мабно, диссертатсияи мавриди гуфтугӯ ин халоро пур мекунад ва бо такя ба маводи зиёди сарчашмаҳои адабӣ, тазкираву ҷунгҳо ва баёзҳо, инчунин таҳқиқоти муосир ба муаллифи рисола муяссар шудааст, ки аҳволу ашъори Мунҷикро ҷиддӣ, мудаллал ва муҳимтар аз ҳама илмӣ ба хонанда пешниҳод кунад. Дар фасли дувуми ин боб диссертант ҳунари шоирӣ, тасвиргарӣ ва дидгоҳҳои зебоишиносии шоирро мавриди пажӯҳиш қарор додааст, ки дар шинохти шеъри замони ҳамасрони Рӯдакӣ ва баъдӣ бисёр муҳим мебошад. Муаллиф ба ин натиҷа расидааст, ки “сабки шеъри Мунҷик сабки хуросонӣ буда, муаллифони кутуби адабӣ суханашро ба шеъри Рӯдакӣ, сабки Фаррухӣ ва Адиб Собир шабеҳ донистаанд. Ҳатто шеъри Фаррухиро, ки аз муосирони ӯ буда, ба шеъри Мунҷик монанд донистаанд ва гуфтаанд, ки “баъзе қасидаҳои Манучеҳрӣ таҳти таъсири мустақими шеъри Мунҷик сохта шудааст”.

Боби сеюми рисола **“Осори бозмондаи Мунҷики Тирмизӣ”** унвон дошта, аз 4 фасл иборат буда, ба тариқи зер дастабандӣ шудааст: **“Қасидаҳои Мунҷик”, “Марсияҳои Мунҷик”, “Ҳаҷву мутойиботи Мунҷик” ва “Абёти парокандаи Мунҷик”.** Бояд гуфт, ки боби мазкур боби асосии диссертатсия буда, ба муаллиф муяссар шудааст, ки дар асоси осори ҳаҷман ками шоир, ки аз 436 байт иборат мебошад, бисёр

паҳлуҳои ашъори шоирро мавриди пажӯҳиши ҷиддӣ қарор бидиҳад ва кори ӯро ҳамчун дастоварди илми адабиётшиносӣ метавон арзёбӣ кард.

Автореферати диссертатсия бо забони адабӣ ва меъёри илмӣ таълиф шуда, дар он матолиби нав, масъалагузориҳои тоза, шеваи баррасиҳои илмӣ, назари инфиродӣ ва мулоҳизаҳои шахсии муаллиф ошкоранд. Муҳтавои мақолаҳои батабърасонидаи диссертант низ ба муҳтавои асосии диссертатсия мутобиқат дорад.

Хулосаи диссертатсия дар 14 банд ба таври муҷаз пешниҳод шудааст. Тавсияҳои муҳаққиқ низ коромад буда, аҳамияти назарӣ ва амалӣ доранд.

Дар маҷмуъ, рисолаи мавриди гуфтугӯ самараи ҷустуҷӯҳо ва заҳматҳои чандсолаи муаллиф буда, диссертант тавонистааст, ки дар ин мавзуъ рисолаи ҷомеъ ва муфиди илмӣ таълиф намояд.

Дар баробари дастовардҳои илмии ёдшуда дар автореферати диссертатсия баъзе камбудҳои ҷузъӣ ба назар мерасанд, ки дар оянда бартараф кардани онҳо ба суди кори муаллиф аст. Барои намуна:

1. Дар бештари ҳолат муаллиф солшумориро ба гунаи мелодӣ овардааст, вале гоҳе дар фишурда ба шакли ҳиҷрии қамарӣ низ баён кардааст. Ин ҷо ягонагӣ лозим аст

2. Дар фишурда баъзе камбудҳои техникӣ низ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо зарур мебошад.

Эродҳои зикршуда аҳаммияти дувумдараҷа доранд ва бар мазмуну мундариҷаи кор халали ҷиддӣ ворид намесозанд.

Авторерферат ва мақолоти нашрнамудаи муаллиф, ки аксарашон дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, муҳтавои асосии диссертатсияро фаро мегиранд. Мавзуи интихобнамудаи Жумакулов Жамшид ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.01. – Адабиёти тоҷик комилан мувофиқат мекунад. Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

Хулоса, таҳқиқоти Жумакулов Жамшид Панжиевич дар мавзуи “Мунҷики Тирмизӣ ва муҳити адабии Чағониён дар асри X ва ибтидои асри XI” ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01. 01. – Адабиёти тоҷик сазовор аст.

**Муқарриз:**
**Дотсенти кафедраи таърихи адабиёти тоҷики**
**ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, директори генералии**
**Муассисаи давлатии “Муҷтамаи ҷумҳуриявии осорхонаҳои Кӯлоб”,**
**номзади илми филология,** **Асозода Ҳотам Раҷаб**

Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Кӯлоб, маҳаллаи Рӯзигул Солеҳова № 5.
Тел.: (8-33-22-2-26-99); +992 918633745.
E-mail: hamadoni@mail.ru
28-уми августи соли 2023.

**Имзои Асозода Ҳ. Р.-ро**
**тасдиқ мекунам:**
**Сардори РК КМ и ДДК**
**ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ:** **Амиров Ф.**

Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров 16.
Тел.: 2-35-06, 2-35-09.
E-mail: info@kgu.tj, www.kgu.tj
28-уми августи соли 2023.